АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №3, 2014

ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №3, 2014

УДК: 39тадж.+9тадж.; 37

ФАРҲОДӢ М. [1]

# БАРРАСИИ МАНОФЕИ ЧИН ДАР ТОҶИКИСТОН БО ТАЪКИД БАР СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ

Дар ин мақола муаллиф кӯшиш ба харҷ додаст, ки ба баррасии манофеи Чин дар Тоҷикистон ба унвони кишвари муҳим дар минтақаи Осиёи Марказӣ бипардозад. Аз ин ҷо, ки баррасии манофеи Чин дар тамоми манотиқи Осиёи Марказӣ имконпазир нест, муаллиф Тоҷикистонро бо далели доштани аҳамияти стратегӣ дар минтақа ва ҳамчунин доштани иштирокоти зиёд бо Чин ба унвони меҳвари баҳс интихоб намудааст ва ба ин манзур нахуст ба таври хулоса ба муносибатҳои Чин бо Тоҷикистон ишора намуда, сипас манфиатҳои ин кишварро дар Тоҷикистон ба сурати муштарак, баробар ва муттаориз (тарафайн) баршумурдааст.

**Калид вожаҳо:** Чин, Тоҷикистон, Созмони ҳамкориҳои Шанхай, Осиёи Марказӣ, манофеи муштарак, манофеи мувозӣ баробар, манофеи мутаориз (тарафайн), таҳаввулот ва муносиботи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ .

Минтақаи Осиёи Марказӣ бо далелҳои гуногуни ҳамкориҳо, аз ҷумла таърих, забон, марз ва фарҳанги муштарак назди Ҷумҳурии Мардумии Чин аз аҳамияти зиёде бархурдор мебошад бояд қайд намуд, ки Чин дар ин минтақа дорои манофеи сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва амниятӣ ҳаст, ки ба сурати мутақобил бо кишварҳои Осиёи Марказӣ мавриди пайгирӣ қарор мегирад ва аҳдофу манофеи худро дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҷустуҷӯ мекунад. Мавҷудияти марзи муштарак байни Чин бо Тоҷикистон, Ӯзбакистон ва Қирғизистон ва иштирокоти фарҳангӣ байни Чин бо кишварҳои ин минтақа ангезаи лозимиро барои ин кишвар фароҳам меорад. Ин давлати абарқудрат нисбат ба ҳеҷ кадом таҳаввулоти кишварҳои Осиёи Марказӣ бетафовут нест ва ҳамагуна тағиротро дар ин минтақа бо диққат мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Аз он ҷо, ки маҷоли баррасии манофеи Чин дар тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ вуҷуд надорад, манофеи ин кишвар дар Тоҷикистон ба унвони меҳвари баҳс мавриди баррасӣ қарор мегирад. Бинобар сабаби он, ки Тоҷикистон равобити наздики стратегӣ бо Чин дорад ва ҳамчунин пайвандҳои амиқи таърихӣ, қавмӣ, динӣ ва забонӣ байни ду кишвар барқарор аст, дар ин маврид ҷойгоҳи муносиберо ишғол карда метавонад.

Ҳарчанд таълифот ва мақолоти зиёде дар хусуси робитаҳои бисёрҷонибаи Чин бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ба нашр расидааст, аммо баррасии манофеи Чин ба унвони узви доимии Созмони ҳамкориҳои Шанхай дар

[1] **Адрес для корреспонденции**: Масъуд Фарҳодӣ – соискатель Института философии, политологии и права им. А. Богоуддинова АН Республики Таджикистан. 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки-33. тел: 917303300, Email: masfarcom@gmail. com

Тоҷикистон, ки худ яке аз аъзои доимии ин Созмон маҳсуб мешавад, нисбатан кам мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор гирифтааст. Баъзе аз пажуҳишгарон монанди Ҷоу Чонг Чинг ва Муҳаммадҷавод Умедворниё тадқиқоташонро ба робитаҳои Чин бо Осиёи Марказӣ бахшидаанд. Бархе аз муҳаққиқони, эронӣ ва хориҷӣ аз ҷумла Ҳабибуллоҳ Абулҳасан Шерозӣ, Алҳо Кӯлой Табаристонӣ, Маҳдӣ Саноӣ, Борис Румор ва Орил Поблу робитаҳои кишварҳои минтақа бо Осиёи Марказиро бештар ба сурати куллӣ мавриди баррасӣ қарор додаанд ва баъзе пажуҳишгарони дигар монанди Маҳмуд Воизӣ, Каюмарс Яздонпаноҳ, Валӣ Кӯзагар Колаҷӣ ва Нӯзар Шафеъӣ бештар ба Созмони ҳамкориҳои Шанхай ва мавзӯъҳои ба ин раванд робитадошта таваҷҷуҳ намудаанд. Дар ин мақола низ мо кӯшиш ба харҷ додем, ки ба ин мавзӯъ чашмандозе дошта бошем ва робитаи ҳамаҷонибаи Чинро бо Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳем. Барои расидан ба ин ҳадаф, нахуст аз тарҳи муҳимтарин пурсиши ин пажуҳиш, яъне шинохти манофеи Чин дар Тоҷикистон ҳушдор медиҳем. Барои посух гуфтан ба саволи аслии таҳқиқ бояд ба якчанд саволҳои возеҳкунандаи мавзӯъ, монанди муносибати Чин бо Тоҷикистон ва ҳамчунин сатҳи таҳлили манофеи ин кишвар дар Тоҷикистон посухи мушаххас пайдо карда тавонем. Фарзияҳое ки дар ин пажуҳиш пешниҳод карда мешаванд, иборатанд аз он, ки манофеи Чин дар Тоҷикистон ба кадом самтҳо нигаронида шудаанд. Фарзияи дигар ин аст, ки Чин ба унвони яке аз бунёдгузорон ва узви доимии Созмони ҳамкориҳои Шанхай нақши боризе дар ҳаллу фасли ихтилофоти марзӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодии худ бо Тоҷикистон доштааст.

Қобил ба таваҷҷуҳ аст, ки муносибати дипломатии Чин ва Тоҷикистон аз чаҳоруми январи соли 1992 мелодӣ барқарор гардидааст ва пас аз Эрон, Россия, Туркия ва Амрико панҷумин кишваре ба шумор меравад, ки сафорати худро дар Тоҷикистон ифтитоҳ намудааст [1]. Дар солҳои охир Ҷумҳурии мардумии Чин қадамҳои устуворе барои тавсеаи муносиботи худ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон бардошта, ки ҳадафҳои аслии он эҷоди иртиботи наздик дар самтҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, марзӣ, дастёбӣ ба бозорҳои Аврупо ва Ховари Миёна аз тариқи Осиёи Марказӣ, беҳбудсозии вазъи иқтисодии мардум дар сарзаминҳои Шимолӣ ва Ғарбии Чин, инчунин дар натиҷа, тақвияти бунёди сулҳу субот дар минтақа мебошад. Баргузории намоишгоҳҳои бозаргонӣ ва таъсиси фурӯшгоҳҳои молу маводи истеҳсоли Чин дар Душанбеву Хуҷанд, аз зумраи иқдомҳои Чин барои мавқеъ пайдо намудан дар бозорҳои Тоҷикистон мебошад, ки ин кишвар рӯзафзун густариш дода истодааст. Ягона масъалаи баҳсбарангези равобити Чин бо Тоҷикистон ҳалли масоили сарҳадоти ин ду кишвар буд, ки аз даврони гузашта ба ҷое мондааст ва он ҳам то ҳадде ҳаллу фасли худро ёфтааст. Тоҷикистон дорои 265 километр марзи муштараки кӯҳистонӣ бо ҷумҳурии Чин мебошад [2]. Ба лиҳози фарҳангӣ Чин кӯшиши зиёде барои фаъолият дар Тоҷикистон кардааст. Баргузории намоишгоҳҳои осори ҳунарӣ, ҳамкории фарҳангӣ аз тариқи созмонҳо ва иттиҳодияҳои минтақавӣ, назири Созмони ҳамкориҳои Шанхай ва ҷамъияти дӯстии Чину Тоҷикистон, омӯзиши забони чинӣ дар Тоҷикистон, баргузории ҳафтаи фарҳангии Чин дар Тоҷикистон, додани бурсияҳо ба донишҷӯёни тоҷик барои таҳсил дар донишгоҳҳои Чин мисоли фаъолиятҳои фарҳангии Чин дар Тоҷикистон маҳсуб мешаванд.

Чуноне ки маълум аст, маъмӯлан манофеи миллии давлатҳо бо якдигар ба панҷ сурат: яъне манофеи мувозӣ (баробар), манофеи муттаориз (тарафайн),

манофеи муштарак, манофеи ихтилофзо ва манофеи стратегӣ намоён мешаванд [3]. Манофеи Чин дар Тоҷикистонро асосан дар се сатҳ метавон мавриди баррасӣ ва таҷзияву таҳлил қарор дод. Манофеи муштарак, манофеи мувозӣ (баробар) ва манофеи муттаориз (тарафайн), ки онҳоро дар ҳавзаҳои сиёсӣ-амниятӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ нисбат додан мумкин аст.

Бешубҳа, манофеи муштараки ин давлатҳо чунин манфиатҳоеро дар бар мегирад, ки як кишвар дар роҳи расидан ба он бо як ё чандин кишвари дигар дорои ҳамсӯйӣ бошад. Ин манофеъ ба гунае аст, ки тарафайнро аз ҳамдигар вобаста мегардонад ва ҳар гуна таҳдиде ба онон метавонад ҳарду тарафро ба чолиши муштарак бикашад. Паймони муштарак нисбат ба касб ва таъмини манфиатҳои ёдшуда низ манфиат ва баҳраеро барои ҳар ду тараф ба вуҷӯд хоҳад овард [4]. Чин ва Тоҷикистон дар ҳавзаҳои зайл дорои манфиатҳо дониста мешаванд:

Мусаллам аст, ки узвият ва ҳамкории Чину Тоҷикистон дар чорчӯбаи Созмони Ҳамкории Шанхай, аз ҷумла тавсеаи муносибатҳои байни ду кишвар дар чорчӯбаи созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ мебошад. Ин ду давлат ба унвони аъзои доимӣ дар ин Созмон бо якдигар ҳамкорӣ намуда, аҳдофи муштараки сиёсӣ-амниятиро таъқиб мекунанд, ки расидан ба ин аҳдоф мутазаман ба манфиати ҳар ду кишвар мебошад. Созмони ҳамкориҳои Шанхай аз замони таъсиси худ, дар таърихи 15-уми июни соли 2001 то кунун, ки ба як ташкилоти бонуфӯз ва муҳими ҷаҳонӣ табдил шудааст, дар арсаи байналмилалӣ нақши муҳим дорад. Ҳузури ду кишвари абарқудрати олам Руссия ва Чин мавқеи ин Созмонро дар ҷаҳони имрӯза боло бурда, нуфӯзу мартабаи онро дар тамоми дунё пайваста афзӯнтар месозад. Узвияти кишварҳои муҳими минтақавӣ, аз ҷумла кишварҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбакистон, ки аз тавоноиҳо ва қобилиятҳои иқтисодӣ бархурдоранд, дар канори кишварҳои соҳибтамаддуни минтақа, ҳамчун Эрон, Ҳиндустон ва Покистон, ба унвони аъзои нозир ва ҳамчунин кишварҳои Белоруссия, Шри-ланка ва Туркия ба унвони шарикони машварати аҳамияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии созмони мазкурро вусъат бахшидаанд. Созмони ҳамкориҳои Шанхай, ки дар ибтидои фаъолият ҳадафи асосиаш ба рушди иқдомҳои амниятӣ дар марзи кишварҳои узв нигаронида шуда буд, дар раванди тақвияти эътимоди мутақобил байни кишварҳои узв, ҳусни ҳамҷаворӣ ва густариши ҳамкориҳои пурманфиат дар доираҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, шомили ҳамкориҳои илмӣ, фаннӣ, омӯзишӣ, ҳамлу нақл, энергетикӣ, туризм, муҳити зист ва ин амсол қадамҳои устувор гузоштааст. Ин Созмон ҳамчунин дар раванди ҳифзу таъмини сулҳу субот ва амният бо мақсади барқарор намудани низоми нав дар минтақа кӯшишҳои зиёде ба харҷ додаст.

Кишварҳои узв ва нозири ин Созмон маҳдудае ба масоҳати 37, 5 миллион километри мураббаъро (ҳудудан, аз чаҳор як ҳиссаи замин) дар ихтиёр доранд, ки дар он ҳудуд беш аз се миллиард нафар инсонҳо зиндагӣ мекунанд [5].

Сиёсати Чин бар чаҳор поя устувор аст, ки иборатанд аз: ширкат дар созмонҳои минтақавӣ, густариши ҳамкориҳои стратегӣ ва таъмини равобити дуҷониба бо қудратҳои минтақавӣ, густариши равобити иқтисодӣ ва коҳиши беэътимодиву нигаронӣ дар фазои минтақавӣ. Бар пояи чунин рӯйкарде, Пекин бо ҳузури фаъол дар Созмони ҳамкориҳои Шанхай ба унвони узви аслӣ ва бунёдгузор кӯшиш намуд то бо тақвияти рӯйкарди минтақагароӣ аҳдофи

калони Чин дар сатҳи низоми байналмилалӣ, яъне тақвияти чандқонибагароӣ ва демократикунонии робитаҳои байналмилалиро таҳқиқ бахшад [6].

Бидуни шубҳа, созмони ҳамкориҳои Шанхай аз се стратегияи интихобнамудааш истифода менамояд. Инҳо стратегияҳои сиёсӣ, амниятӣ ва иқтисодӣ мебошанд, ки ду стратегияи аввалӣ се меҳвари асосӣ, яъне мубориза бо терроризм, ифротгароӣ ва ҷудоиандозӣ шакл мегиранд [7].

Ҷумҳурии Чин майл ба он дорад, то зимни ҳаллу фасли масоили марзии худ бо кишварҳои ҳамсоя ва мубориза бо се падидаи номатлуби мазкур аз тариқи Созмони ҳамкориҳои Шанхай суботи сиёсиро ба минтақа бозгардонад [8]. Аз тарафи дигар ба назар мерасад, ки яке аз муҳимтарин ангезаҳои соири кишварҳои минтақа аз ҷумла Тоҷикистон низ таъмини манфиатҳои амниятӣ бошад. Ба гунае, ки умедворанд Созмони ҳамкориҳои Шанхай нақши вижагиро дар хусуси мубориза бо терроризм, маводи мухаддир, ифротгароӣ, ҷудоиталабӣ бозида тавонад ва аз он ҷо, ки ин кишварҳо мумкин аст ба танҳоӣ қодир ба ҳифзи амнияти худ набошанд, аз ин Созмон ба унвони механизме барои таъмини манфиатҳои худ истифода мекунанд [9].

Чуноне ки ба назар мерасад, Ҷумҳурии Чин бо ҷой додани ҷамъияти қобил таваҷҷуҳи аз ҷамъиятҳои Осиёи Марказӣ, ба вижа тоҷикон, бо Тоҷикистон равобити фарҳангиро ба роҳ мондааст ва ин гуна робитаҳо асосан бо мардумони қумӣ бештар аён аст. Қумиёни Уйғур, ки аксарияти онҳо дар вилояти Шинг Ҷонг Чин зиндагӣ мекунанд, сокини баъзе аз ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ низ мебошанд. Бинобар ин, дар муносибатҳои дуҷонибаи Чин бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, бахусус бо Тоҷикистон, нақши омилҳои қавмӣ ва динӣ ба хубӣ ошкор аст [10].

Манофеи мувозии шомили ин даста, яъне узвиятҳои созмони мазкур, аз манфиатҳое мебошанд, ки ба лиҳози моҳияти яксонбуда, вале ба лиҳози ҳадафи ниҳоӣ ва равиши расидан ба он вобастагӣ доранд. Ин манофеъ навъи яксонӣ ва ҳамсӯииро дар бар дорад. Аммо ҳадафи ниҳоии ҳар ду тараф расидан ба манофеи мутафовит аст. Навъи итихози тасмимот низ мутафовит мебошад [11]. Чин манофеи зайлро ба сурати мувозӣ дар Тоҷикистон дунбол мекунад:

**Аҳамияти геополитикии Тоҷикистон барои сармоягузорӣ Чин**

Ҳамҷаворӣи Осиёи Марказӣ бо Чин ба унвони қудрати ҷадиде дар ҳоли зуҳур, Эрон бо ҷойгоҳе дар ҳоли рушд, Россия, ки ҳамчунин бузургтарин қудрати ғайриғарбӣ ба шумор меравад, ба ҳадди кофӣ аҳамияти геополитикии ин минтақаро ба вижа барои Ғарб барҷаста месозад. Илова бар ин, захираҳои нафт ва гази табиӣ, аҳамияти мавқеияти роҳбурди минтақаи Осиёи Марказиро афзоиш медиҳад [12]. Тоҷикистон низ ба унвони кишвари муҳим бо геополитикаи хоси худ ва ҳамҷаворӣ бо Чин, Қирғизистон, Ӯзбакистон ва Афғонистон ва ҳамчунин бархурдорӣ аз манбаъҳои ғании энергетикӣ ва оби минтақа таваҷҷуҳи қудратҳои бузурги ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, бахусус Чинро ҷиҳати сармоягузорӣ ба худ ҷалб намудааст.

**Рушду инкишофи ҳамкориҳои иқтисодии Чин бо Тоҷикистон**

Тоҷикистон барои Чин ба лиҳози иқтисодӣ дорои ҷаззобиятҳои зиёде мебошад. Фаъолияти ин кишвар, бахусус дар бахши энергетикӣ ва роҳсозии Тоҷикистон, чашмгир аст.

Ҷумҳурии Чин низ пайваста талош меварзад, то бо ҷустуҷӯ дар манотиқи мухталифи ҷаҳон монеи осибпазирии худ дар баробари навсоноти эҳтимолии воридоти нафт аз манотиқи ҳассоси Ховари Миёна гардад. Илова

бар нафт кишварҳои Осиёи Марказӣ, беш аз ҳар чиз манбаи муҳими гази табииро дар худ доранд. Пешбинӣ мешавад, ки масрафи солонаи гази табиӣ дар Чин соли 2020 ба 155 миллиард метрии мукааб мерасад. Дар ин васила гуфтан мумкин аст, ки ниёзи рӯ овардани Чин ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ба чунин пешбиниҳо нигаронида шудааст [13]. Ҳузури қавии Чин дар рақобатҳо барои баҳрабардорӣ аз захираҳои нафту гази минтақа ва нақшаҳои хатти қубурҳои газу нафтрасонӣ ба кишварҳои шарқии Осиё, ба манзури коҳиши вобастагии Чин ба нафти Ховари Миёна дар ростойи манфиатҳои аслии Чин дар Осиёи Марказӣ ва Қафқоз арзёбӣ мешавад [14].

Дар заминаи таъмини захираҳои энергетикӣ Чин яке аз шарикони боэътимоди Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Сохтмони шабакаи интиқоли барқи Шимол ва Ҷануб бо сармоягузории Чин ба анҷом расидааст. Дар заминаи роҳсозӣ, ифтитоҳи роҳи «Абрешим» (роҳи байни Тоҷикистону Чин) муҳимтарин санади таърихӣ дар раванди робитаҳои иқтисодии ин ду кишвар ба ҳисоб меравад.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки Чин манофеи зайлро ба сурати Муттаориз (тарафайн) дар Тоҷикистон дунбол мекунад:

**Муқобилаи Чин бо тавсеаи нуфӯзи Амрико дар Тоҷикистон**

Амрико яке аз бозигарони аслӣ ва фароминтақавӣ дар Осиёи Марказӣ аст, ки дар ҷустуҷӯйи ҳадафҳои иқтисодӣ ва стратегии худ қасд дорад фароядҳои минтақавиро таҳти назорати худ қарор диҳад. Руссия ва Чин – ду қудрати бузург, бонуфӯз ва таъсиргузори Авруосиё ба шумор меравaнд ва ба далели ҷойгоҳи таърихӣ ва мавқеияти байналмилалии онҳо, ҳеҷ бозигари хориҷӣ наметавонад нақши онҳоро дар ин минтақа нодида бигирад. Барои Чин, илова бар масоили амниятии марбут бо эҳтимоли тарси ифротгароии мазҳабӣ аз Осиёи Марказӣ ба манотиқи мусалмоннишини Чин ва ҳамчунин манфиатҳои иқтисодии ин кишвар дар Осиёи Марказӣ, ҷилавгирӣ аз афзоиши ҳузури Амрико дар ин минтақа низ яке аз ҳадафҳои аслӣ дониста мешавад [15].

Ҷумҳурии Чин ба далели стратегияи муҳим ва шиддати нигарони муҳосираи стратегии худ тавассути Амрико мебошад ва ҷой гирифтани пойгоҳҳои низомии Амрико дар манотиқи гуногуни атрофи қаламрави худро таҳдиди асосӣ барои амният ва манфиатҳои худ арзёбӣ мекунад. Яъне ҳузури Амрико дар минтақаҳои Осиёи Марказиро мухолиф бо амнияти низомӣ ва манфиатҳои иқтисодии худ медонад. Барои Чин ҳузури Амрико баҳри саркуби бунёдгузорони исломӣ дар асл амри мусбат бароварда шудааст, вале тадовими ҳузури низомии Амрико дар Осиёи Марказӣ ҷанбаи мусбате дар бар надорад. Чиниҳо, ки ба шиддати нигаронии амният ва оромиш дар вилояти Синг Киёнг ҳастанд, аз саркуби исломгароёни ифротӣ дар партави ҳузури мустақими Амрико истиқбол карданд, вале онҳо ҳам монанди роҳбарони Руссия идомаи ҳузури Амрикоро бо манфиатҳои худ дар минтақа дар таъориз ёфтаанд (яъне ғаразнок ҳисобидаанд) [16]. Чин хоҳони коҳиши нуфӯзи Амрико дар минтақа мебошад ва бо барқарории равобитҳои ғаразноки Амрико дар минтақа мухолиф аст. Яке аз роҳҳои муқобилияти бо ин равобити ғаразнок афзоиши ҳузури дар минтақа ва хусусан дар Тоҷикистон аст, ки Чин иштироки зиёде дар он дорад.

**Муқобилаи Чин бо густариши НАТО дар Шарқ**

Пас аз воқеоти 11-уми сентябр, Осиёи Марказӣ аз ҷойгоҳи вижагӣ дар сиёсати хориҷии Амрико ва ба табъи он НАТО бархурдор шуд. Аз лиҳози геополитикӣ ҳар гуна ҳузури Ғарб дар Осиёи Марказӣ ба маъноӣ шикофӣ

андохтан мобайни чаҳор қудрати минтақавӣ, яъне Руссия, Чин, Ҳиндустон ва Эрон мебошад ва дастёбӣ ба ин ҳадаф, бахусус дар қиболи Чин барои Ғарб ва минҷумла барои Амрико, арзишманд ва дар айни ҳол манфиатнок দониста мешавад [17]. Кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Қафқоз дар заминаи густариши равобит бо НАТО мекӯшанд аз якдигар пеш гузаранд. Инҳо кишварҳое ҳастанд, ки дар ҳамсоягии Руссия, Эрон ва Чин қарор гирифтаанд ва аз дидгоҳи сиёсӣ ва амниятӣ барои НАТО аҳамиятнок мебошанд [18]. Бо иноят ба ангезаи НАТО барои эҷоди шикофиҳо байни қудратҳои минтақа, аз ҷумла Чин ба назар мерасад, ки ин кишвар мухолифи густариши НАТО ба Шарқу Ҷануби ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон мебошад ва шояд яке аз омилҳои мушорикати ин кишвар дар созмонҳо ва иттиҳодияҳои минтақавӣ, назири Созмони ҳамкориҳои Шанхай, ки кишварҳои минтақа ба вижа Тоҷикистон дар он ҳузури фаъол доранд, ҳамин мавзӯъ бошад, то бо ҳамкорӣ ва мушорикати кишварҳои минтақа битавонад ба тавсеаи ҳузур ва нуфӯзи НАТО дар Осиёи Марказӣ муқобилият намояд.

**Дидгоҳи Чин нисбат ба фаъолияти Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон**

Иттиҳоди Аврупо тайи солҳои 1994-1996 бо бархе кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Қазоқистон, Ӯзбакистон ва Туркманистон қарордоди муносиботи дуҷониба имзо намуд. Ин Иттиҳод дар соли 2004 бо Ҷумҳурии Тоҷикистон низ қарордоди ҳамкорӣ имзо кард. Яке аз омилҳое, ки ҳузури Иттиҳоди Аврупоро дар Тоҷикистон пуррангтар месозад, хатарест, ки Иттиҳоди мазкур аз мавҷудияти Чин дар ин минтақа эҳсос менамояд. Иттиҳоди Аврупо аз назари ҳузури иқтисодии худ дар Тоҷикистон на танҳо бо рақибони мустақим, шомили Руссия ва Чин, балки бо Туркия ва Эрон низ ҳамсатҳ нест. Коршиносон бар он назаранд, ки ин вазъият бо потенсиали Иттиҳоди Аврупо созгор намебошад [19]. Чин низ нисбат ба ҳузури Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон бетараф нест ва фаъолиятҳои ин иттиҳодияро пайваста зери назар дорад.

**Дипломатияи Чин дар баробари Руссия**

Тайи солҳои охир бо вуҷуди талоши қудратҳои ғайриминтақавӣ, назири Амрико, НАТО ва Иттиҳоди Аврупо барои ба чолиш кашидани қудрати Руссия дар минтақа, ин кишвар бо эҷоди пойгоҳи низомӣ дар Қирғизистон, Ӯзбакистон, Арманистон ва Тоҷикистон ҳузури худро дар минтақа тақвият бахшид [20]. Руссия ҳаракат дорад ва кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки дар муқобили хоҳишҳои зиёди Амрико дар Осиёи Марказӣ бо кишвари Чин дар ин минтақа ҳамкории чандҷониба дошта бошад [21]. Албатта, ба ақидаи бархе коршиносон ва пажуҳишгарон, монанди Борис Ромер, яке аз ҳадафҳои Чин дар узвияти Созмони ҳамкориҳои Шанхай ва умуман созмонҳои минтақавӣ, илова бар таъсир намудан ба нуфӯзи Амрико дар минтақа, тағйири нақши Руссия низ ба унвони бозигари калидӣ дар минтақа мебошад [22]. Бо вуҷуди ин, Созмони ҳамкориҳои Шанхай ҳамчун омили ваҳдатсоз дар равобити Чин бо Руссия аз иродаи сиёсии ин кишвар барои эҷоди ҷаҳони чандқутбӣ нишот мегирад ва дар айни ҳол ҳамсӯ бо тамоили Руссия барои тақвияти нуфӯзаш дар Осиёи Марказӣ аст [23].

Иштирок дар нигоҳи Чин ва Руссия ба низоми байналмилалӣ, падид омадани ихтилофҳо, таъорузот ва рақобатҳои муҳим боис гардидаанд, то ду кишвар ба густариши робитаҳои ҳамаҷониба бипардозанд ва онро дар қолиби «мушорикати стратегӣ» [24] қарор диҳанд [25].

Бо иноят бар матолиби матраҳгардида дар ин мақола, чунин ба назар мерасад, ки ҳузури Чин дар тамоми заминаҳо, бахусус ҳамкориҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон, пурранг будааст. Чин бо иҷрои пружаҳои гуногун, бахусус дар заминаҳои энергетикӣ ва роҳсозии Тоҷикистон, робитаҳои тиҷоратӣ ва сармоягузории худро бо ин кишвар густариш додааст. Чин дар ҳамкорӣ бо Тоҷикистон дар чорчӯбаи Созмон Ҳамкории Шанхай метавонад зимни ҳаллу фасли мушкилоти марзӣ бо падидаҳои хатарноки минтақа, яъне терроризм, қочоқи моводи мухаддир, ифротгароӣ ва ҷудоиталабӣ мубориза кунад. Чунин ба назар мерасад, ки Чин ва Тоҷикистон агарчӣ ба дунболи таъмини манфиатҳои худ дар минтақа ҳастанд, вале вуҷуди муҳимоти муштарак, назири терорризм, қочоқи моводи мухаддир, ифротгароӣ ва ҷудоиталабӣ мӯҷиби тавсеаи ҳамкории муштарак байни ин кишварҳо шудааст.

**Адабиёт**


1. Ҷою Чонг Чинг, Шинг Гонг Чанг, Сун Хонг Чи, «Чин ва Осиёи Марказӣ (муносиботи сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятӣ)», тарҷумаи Муҳаммад Ҷавод Умедворниё, Теҳрон, дафтари нашри фарҳанги исломӣ, чопи аввал, соли 2000, саҳ. 112-114.
2. Рашид Аҳмад, «Ҷиҳод, (Зуҳӯри исломи пешкори ху дар Осиёи Миёна)», тарҷумаи Ҷамол Ором Кобин, интишороти Муҳаммад Иброҳим Шариатии Афғонистонӣ, чопи аввал, баҳори соли 2008, саҳ. 115.
3. Умедӣ Алӣ, «Чолишҳои сохтори равобити роҳбурдии Ирон ва Руссия», Мутолеоти Аврупои Марказӣ, Маркази мутолеоти олии байналмилалӣ, Донишгоҳи ҳуқуқ ва улуми сиёсӣ, соли чаҳорум, шумораи 8, баҳор ва тобистони соли 2011, саҳ. 48.
4. Абулҳасан Шерозӣ Ҳабибуллоҳ, «Тавсеаи муносиботи Ирон ва Осиёи Миёна», Маҷаллаи ҷуғрофиё ва тавсеа, Баҳор ва тобистони соли 2005, саҳ. 124.
5. Ҳусайнӣ Мир Абдуллоҳ, «Тавсеаи тиҷорати Ирон бо Созмони ҳамкориҳои Шанхай», Теҳрон, Муассисаи мутолеот ва пажуҳишҳои бозаргонӣ, чопи аввал, соли 2011, саҳ. 10.
6. Воизӣ Маҳмуд, «Аҳдоф ва манофеи Чин ва Руссия дар Созмони Ҳамкориҳои Шанхай», фаслномаи» Мутолеоти Осиёи Марказӣ ва Қафқоз», шумораи 72, зимистони соли 2010, саҳ. 176-177.
7. Яздонпаноҳ Дориюш Каюмарс, «Иттиҳоди Шанхай», (чашмандозҳо, бимҳо ва умедҳо), Теҳрон, Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, нашри аввал, соли 2010, саҳ. 196-200.
8. Асноҷир Арел Поблу, «Стратегияи Чин дар Созмони Ҳамкориҳои Шанхай», тарҷумаи Амин Равонӣ, маҷаллаи» Пажуҳиши созмонҳои байналмилалӣ», соли дуввум, шумораи 3, соли 2008, саҳ. 15.
9. Ҳоҷӣ Юсуфӣ Амирмуҳаммад ва Алванд Марзия Содот, «Ирон ва Созмони Ҳамкориҳои Шанхай, ҳажмунӣ ва зудҳажмунӣ», пажуҳишномаи улуми сиёсӣ, соли саввум, шумораи 2, баҳори соли 2008, саҳ. 181.
10. Ҷоу Чонг Чинг, Шинг Гонг Чинг ва Сунг Ҷонг Чи, Ҳамои асар, саҳ. 82-83.
11. Абулҳасан Шерозӣ Ҳабибуллоҳ, Ҳамои асар, саҳ. 125.
12. Атоӣ Фарҳод ва Шайбонӣ Аъзам, «Заминаҳои ҳамкорӣ ва рақобати Ирон ва Руссия дар Осиёи Марказӣ дар чорчӯбаи геополитикӣ», фаслномаи» Мутолеоти Авруосиёи Марказӣ», соли чаҳорум, шумораи 8, баҳор ва тобистони соли 2011, саҳ. 135-136.
13. Мусавӣ Шуҷоӣ Масъуд ва Доробӣ Гултоб, «Аҳдоф ва абъоди дипломатӣ-энержии Чин», фаслномаи «Равобити хориҷӣ», соли саввум, шумораи 4, зимистони соли 2011, саҳ. 65-69.
14. Умедворниё Муҳаммад Ҷавод, «Амният дар Осиёи Марказӣ ва Қафқоз дар қарни 21, (дидгоҳи Чин)», фаслномаи «Мутолеоти Осиёи Марказӣ ва Қафқоз», тобистони соли 2001, саҳ. 60.
15. Ҳамон асар, саҳ. 137.
16. Шафеӣ Нузар ва Камолзода Юнус, «Табйини равобити Чин ва Амрико дар баробари Созмони ҳамкориҳои Шанхай бар асоси назарияи мавозуни қавои нарм», маҷаллаи «Мутолеоти Авруосиёи Марказӣ», Маркази мутолеоти байналмилалии Донишкадаи ҳуқуқ ва улуми сиёсӣ, соли саввум, шумораи 7, поиз ва зимистони соли 2010, саҳ. 62-63.

17. Шафеӣ Нузар ва Фарҷӣ Насирӣ Шаҳрёр, «Тақобили Созмони Ҳамкориҳои Шанхай ва ноту дар Осиёи Марказӣ», фаслномаи «Мутолеоти Осиёи Марказӣ ва Қафқоз», шумораи 64, зимистони соли 2008, саҳ. 11-14.
18. Ҳақшинос Муҳаммад Ҷавод ва Баширӣ Саид, «Ноту ва гароиши Ирон ба Созмони ҳамкориҳои Шанхай», маҷаллаи «Иттилооти сиёсӣ-иқтисодӣ», шумораи 284, тобистони соли 2011, саҳ. 75.
19. «Стратегияи ҷадиди ҳамкориҳои Иттиҳоди Аврупо бо Тоҷикистон», Пойгоҳи интернетии» Садои Руссия».
20. Воизӣ Маҳмуд, «Манофеи Руссия ва Ғарб дар Осиёи Марказӣ ва Қафқоз ва нақши ташкилҳои чандҷониба», фаслномаи «Мутолеоти Осиёи Марказӣ ва Қафқоз», шумораи
21. 66, тобистони соли 2009, саҳ. 10
22. Таботабоӣ Алӣ, «Баррасии татбиқи рӯйкарди роҳбурди Чин, Руссия, Амрико, Ҳинд, Покистон ва Ирон ба Созмони Ҳамкориҳои Шанхай», фаслномаи «Роҳбурд», соли бистум, шумораи 60, поизи соли 2011, саҳ. 179.
23. Ромер Борис, «Ҳузури қудратҳо дар Осиёи Марказӣ», тарҷумаи Қосим Мулкӣ, фаслномаи «Мутолеоти Осиёи Марказӣ ва Қафқоз», шумораи 39, поизи соли 2002, саҳ. 184.
24. Асноҷир Арел Поблу, Ҳамои асар, саҳ. 57-58.
25. Strategic Partnership
26. Воизӣ Маҳмуд, «Аҳдоф ва манофеи Чин ва Руссия дар Созмони Ҳамкориҳои Шанхай», Ҳамои асар, саҳ. 173.

**ФАРХОДИ М.**

## ИССЛЕДОВАНИЕ ИНТЕРЕСОВ КИТАЯ В ТАДЖИКИСТАНЕ С ОСОБЫМ АКЦЕНТОМ ШАНХАЙСКОЙ ОРГАНИЗАЦИИ СОТРУДНИЧЕСТВА

В этой статье автор сделал плпытку, рассмотреть и исследовать интересы Китая в Таджикистане в качестве важной страны в регионе Средней Азии. Рассмотрение и исследование интересов Китая во всех регионах Средней Азии не возможно, автор выбрал Таджикистан на основании того, что Таджикистан имеет стратегическое значение в регионе, который является исследуемым объектом, имеет много общего с Китаем. В заключении автор указал отношение Китая с Таджикистаном, как совместное, ровное и двухстороннее.

**Ключевые слова:** Китай, Таджикистан, Шанхайская организация сотрудничества, Центральная Азия, общие интересы, одинаковые интересы, противоречивых интересов, политических, экономических и культурных международных отношений и событий.

**FARHADI M.**

## RESEARCH OF THE INTERESTS OF CHINA IN TAJIKISTAN WITH THE SPECIAL EMPHASIS ON SHANGHAI COOPERATION ORGANIZATION

In this article author makes an effort, examines and investigates the interests of China in Tajikistan as an important country among the regions of Central Asia. In connection with this, consideration and investigation of interests of China in all regions of Central Asia is impossible, and thus, author selects Tajikistan with the reason that Tajikistan have strategic regional importance, which will be experimental object, cumulative similarity with China, as well as in final order point out the relation China with Tajikistan, then considers the interest of countries as joint, equal and double-sided.

**Key words:** China, Tajikistan, Shanghai Cooperation Organization, Central Asia, Common Interests, equal Interests, contradictory Interests, Political, Economical and Cultural International Relations and Developments.